ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ (*Қарори Ҳукумати Ҷ Т аз 26.06.2023 №295*)

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори Шурои диссертатионӣ аз 10.11.2026, № 6

Барои сазовор донистани Назризода Ҷамила Маҳмуд, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи «Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)», аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ ба ҳимоя 30 июни соли 2026 қабул карда шуд, протоколи № 10 Шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӣдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2024, № 184/ шд).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Назризода Ҷамила Маҳмуд 01-уми сентябри соли 1985 дар ноҳияи Фархор таваллуд шуда, соли 2007 факултети филологияи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро бо ихтисоси филологи рус, муаллими забон ва адабиёти рус хатм намудааст.

Собиқаи кории унвонҷӯ 14 сол буда, фаъолияти омӯзгориаш аз соли 2018 аз Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ шудааст.

Аз соли 2018 то инҷониб муаллими кафедраи забонҳои Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертант Назризода Ҷамила Маҳмуд аз соли 2022 унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва усулҳои таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Роҳбари илмӣ: **Табаров Нурулло Сафаралиевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ татқиқотии фарҳанг ва иттиллооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Муқарризони расмӣ: **Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Наврузова Гулшан Турсуновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ки дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи методикаи таълими забои ва адабиёти русӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Ниятбекова А.Ю., ташхисгар - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент кафедраи методикаи таълими забои ва адабиёти русӣ МДТ« Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Сафарова М.Р. имзо шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки мавзуи аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Назризода Ҷамила Маҳмуд бе шак мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ифода меёбад. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ мутобиқ буда, аз ҷиҳати мазмун, навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ мубрам ва саривақтӣ буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он Назризода Ҷамила Маҳмуд барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. **Назриева Ҷ.М.** Амсилаи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои забони русӣ / Паёми Донишгоҳи забонҳо / Ҷ.М.Назриева. – Душанбе, 2025. -№ 4 (60). –С.437-443. - ISSN 2226-9355.

[2-М]. **Назриева Ҷ.М.** Арзиши адабиёти рус дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / Ҷ.М.Назриева. – Душанбе, 2025. -№1(23). – С.35-41. – ISSN 2219-5408.

[3-М]. **Табаров Н.С. Назриева Дж. М.** Педагогические аспекты уроков русской литературы в формировании духовно-нравственных качеств старшеклассников (Ҷанбаҳои педагогии дарси адабиёти рус дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ) // Вестник Академии образования/ Н.С. Табаров, Дж.М. Назриева. –Душанбе, 2025. -№1(49). -С.144-151. - ISSN 2617-5320.

[4-М]. **Назриева Ҷ.М.** Некоторые аспекты методики преподавания русского языка в духовно-нравственном воспитании учащихся 9-11 классов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф / Н.С. Табаров, Ҷ.М. Назриева. – Душанбе, 2026. – №1(53). – С.132-137. – ISSN 2617-5320.

[5-М]. **Назриева Ҷ.М.** Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои адабиёти рус // Паёми Академияи таҳсилот / Ҷ.М.Назриева. – Душанбе, 2024. – №3 (52). – С.79-85. – ISSN 2222-9809

[6-М]. **Назриева Ҷ.М.** Ташхис ва ошкорсозии проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар назария ва амалияи педагогӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Ҷ.М.Назриева. – Душанбе, 2025. – №6. – С.228-233. – ISSN 2074-847

[7-М]. **Табаров Н.С. Назриева Ҷ.М.** //Приоритетные направления уроков русского языка в формиравании духовно-нравственных качеств учащихся 9-11 классов. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф / Н.С. Табаров, Ҷ.М. Назриева. – Душанбе, 2026. – №1(53). – С.125-131. – ISSN 2617-5320.

в) Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо илмӣ чопшуда:

[8-М]. **Назриева Ҷ.М.** //Назаре ба таълими забон ва адабиёти рус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Неруи хирад. – Душанбе, 2025. -№2. – С.31-32.

[9-М]. **Назриева Ҷ.М.** Таҳлили ҷараёни тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2025. -№1. – С.52-53.

[10-М]. **Табаров Н.С. Назриева Ҷ.М.** //Асосҳои назарии дарси адабиёти рус дар ташаккули сифатҳои маънавӣ ва зебои писандии хонандагони синфҳои болоӣ/ маводи конференсияи байналмиллалӣ «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияҳои муосирӣ». – Душанбе – 2024. – С.219-222.

[11-М]. **Табаров Н.С. Назриева Ҷ.М.** //Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар назария ва амалияи педагогӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // маводи конференсияи байналмиллалӣ «Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ».– Хуҷанд, 2024. – С. 227-230.

Ба Шурои диссертатсионӣ 4 тақриз ба автореферати диссертатсия ворид шудааст аз:

1. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Кодирова М.Б.** Тақриз мусбат аст, баъзе норасоиҳо қайд гардиданд: 1. Хуб мешуд муаллиф мубрамияти мавзуи мазкурро таҷдиди назар мекард. 2. Дар авторефератидессертатсия хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

2. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълимӣ забон ва ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон **Тағозода Г.Э.** Тақриз мусбат аст, баъзе норасоиҳо қайд гардиданд: 1. Хуб мешуд дар автореферат дар қисмати назариявии кор натиҷаҳои илмии бадастомада, бо дигар муҳаққиқон муқоиса карда мешуд. 2. Дар авторефератидессертатсия хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

3. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мудири шуъбаи кор бо магистрон, ӯнвонҷӯён ва докторантони PhD-и Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Абдумуминзода С.** Тақриз мусбат аст, қайд намудааст, ки хуб мешуд, муаллиф сатҳи муқоисаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ро дар раванди дарсҳои забони русӣ шарҳи бештар медод. Дар қисмати автореферати русӣ хатоҳои грамматикӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

4. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатӣ **Файзалиев Ҷ.Ҷ.** Тақриз мусбат аст, кайд намудааст, дар диссертатсия методҳои муассири тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ нишон дода шудаанд, вале муаллиф дар авторефератидиссертатсия ба таври лозимӣ онҳоро нишон надодааст. Хуб мешуд, муаллиф дар таҳияи автореферат ба ин тарафи масъала диққати худро равона месохт.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Назризода Ҷамила Маҳмуд сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвончӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

– аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот таҳлил ва баҳо дода шуда, истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон **омӯхта шудааст;**

–раванди сифати таълими забони русӣ дар синфҳои 9-11-ум дар истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон **ошкор ва муайян карда шудааст;**

– самтҳои асосии илмӣ-методии истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ **ошкор карда шудаанд;**

– асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ҳангоми банақшагирии корҳои таълимию тарбиявӣ ба таври васеъ **татбиқ карда шудааст;**

– тамоюлҳои рушди асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ум дар раванди дарсҳои забони русӣ бо истифода аз асарҳои нависандагон **муқаррар карда шудаанд;**

– марҳилаҳои ташаккули моҳият ва мазмуни низоми тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ **муайян карда шуда,** ҷанбаҳои педагогию психологии раванди таълим ба инобат гирифта шудааст;

– тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ташкил карда шуда, самаранокии он **натиҷагирӣ ва муқоиса карда шудааст;**

– натиҷаҳои таҳқиқот оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ба тариқи озмоишӣ **мавриди санҷиш қарор дода шудааст;**

– амсилаи педагогӣ намунаи таълими забони русӣ дар синфҳои 9-11-ум дар истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон **коркард ва пешниҳод шудааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ дар асоси методҳои муосири таълимӣ ҳамаҷарафа **мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;**

- самаранокии амсилаи пешниҳодшуда оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ **аз тариқи баргузорий корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ исбот карда шудаанд;**

- вазъи коркарди методии масоили вобаста аз истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ **муайян карда шудаанд;**

- маводди таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **истифода намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳои забони русӣ ва сифати дониши хонандагон **истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони** соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим **қарор гиранд.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

–интихоби афзалиятҳои махсус ҳангоми татбиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ дар ҷараёни таълим **ошкор карда шудааст;**

- амсила бо назардошти хусусияти махсус ва аз натиҷаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ **омода гардидааст;**

– мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои махсуси ташкили корҳои гуногуни муассири таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар шароити татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф **муайян карда шудаанд;**

– роҳҳо ва методҳои таъсирбахши таълим, ки ба омилҳои асосӣ ва қонуниятҳои технологияҳои фаъолияти таълимӣ ва ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди омӯзиши забони русӣ дар синфҳои 9-11-ум аз асарҳои нависандагону шоирони рус **истифода бурда шудаанд;**

– асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули зеҳни хонандагон шарҳу тафсир карда шуда, дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ мафҳуми методикаи таълимӣ ҳамчун як қисми таркибии дидактика ҷиҳати рушди инкишофи зеҳнии хонандагон **асоснок карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигар илмӣ васеъ **истифода шаванд.**

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи асосноқӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин нишон доданд:

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асосноқӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, инкишофи нерӯи зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон **таъмин менамоянд;**

– корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ то озмоиш ва баъди озмоиш **асос ёфтанд;**

- хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд;**

- **натиҷаву дастовардҳои таҳқиқот** бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотию методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, **таъмин карда шудаанд;**

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:

- **дар иштироки бевосита**и муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва банизомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда, банақшагирии дуруст мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ баррасӣ гардиданд, муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардиданд;

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10-уми ноябри соли 2026, № 5 дар бораи сазовор донистани Назризода Ҷамила Маҳмуд бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ **Абдуллоева Т.М.**

12 ноябри соли 2026